# Мавзӯи 3. Фалсафаи Шарќи ќадим

1. Фалсафаи Ҳинди қадим
2. Фалсафаи Чини қадим
**3.** Фалсафаи Эрони бостон

## Фалсафаи Ҳинди қадим

Маданияти Ҳинд дар таърихи инсоният яке аз маданиятҳои қадима ба шумор меравад. Дар заминаи он фалсафаи нодире сохта шуд, ки таъсири амиқе ба эҷодиёти мутафаккриони бузурги давраи Нав ва навтарин, чи дар худи Ҳинд ва чи берун аз он, аз ҷумла дар Урупои ғарбӣ гузошт. Таърихи фалсафаи Ҳинди қадим одатан ба се марҳала тақсим мешавад: ведантӣ (нимаи авали ҳазораи I п.а.м. ), эпикӣ (нимаи дуюми ҳазораи I) ва классикӣ (аз ҳазораи I милодӣ). Дар марҳилаи ведантӣ матнҳои Вед эҷод шуданд, ки дар онҳо ҷаҳонбинии асотирии ҷамъияти авлодӣ баён гардида буд. Марҳилаи охирини эволютсияи Вед Упанишадҳо ба ҳисоб мераванд, ки шакли гузариш аз асотир ба фалсафа дар ҷомеаи Ҳинди қадим ба ҳисоб мераванд.

Дар даврони гузариш аз ҷамъияти авлодӣ ба синфӣ ташаккулёбии мактабҳо ва равияҳои гуногуни фалсафиӣ Ҳинди қадим ба вуҷуд омад. Дар таносуб аз муносибат бо Ведҳо мактабҳои фалсафӣ ба ортодоксалӣ (веда, санкхя, няя, вашешика), ки Ведро эътироф мекарданд ва ғайри ортодоксалӣ (ҷайнизм, буддизм, локаята-чарвака), ки эътибори Ведро рад мекарданд, ҷудо мешуданд.

**Фалсафаи ведантӣ.** Системаи фалсафие, ки бевосита ба Ведҳо такя мекунад веданта мебошад. Барои ин фалсафа қисмати ақлии маҷмӯи ведҳо (Упанишадҳо) монанди Даъвати ҷадид (Новый завет) барои фалсафаи насрония мебошад. Аз Упанишад пеш аз ҳама таълимот оиди Брахман ҳамчун ҷавҳари мутлақ, манбаи ҳамаи мавҷудот иқтибос мешавад.

Аз рӯи нуқтаи назари веданта ҷавҳари мутлақи рӯҳонии олам Бараҳман – сабаби вуҷуди ҳамаи мавҷудот аст. Ҷон (ҷива), ки абадӣ, беоғоз ва нобуднашавандааст, бо Бараҳман шабоҳат дода мешавад. Дар сатҳи олами эмпирикӣ ҷонҳои зиёде вуҷуд доранд. То он даме, ки ҷон дар тартиби ҷисм-ақл-ҳисс бошад, ӯ танҳо

шабеҳи тимсоли Бараҳман мебошад, барои ҳамин он касрат буда, наметавонад бо Бараҳман дар ваҳдат бошад. Аз рӯи ақидаи ведант ҷон, ки бо ҷисм бастааст озод буда наметавонад. Ӯ шавқ ба лаззати ҳиссӣ дорад ва силсилаи зиёди таносухро аз сар мегузаронад. Пирузӣ бар нодонӣ танҳо дар омӯзиши ведаҳо ба даст меояд.

**Санкха.** Санкха – фалсафаи дуалистӣ мебошад, ки кӯшиши тафсири олам ва наҷот аз азобро дорад. Ду мабдаъро эътироф дорад пракрит (модда, табиат) ва пуруш (рӯҳи мутлақ). Ақидаи дуалистӣ танҳо ба шакли классики он хос аст, аммо равияҳое, ки дар заминаи он пайдо шуданд, ё хусусияти материалистӣ, ё теистӣ доранд.

**Вайшешика.** Асосгузори мактаби вайшешика Канада (асрҳо VI-V п.а.м..) мебошад. Аз рӯи ақидаи вайшешика, олам иборат аст аз ҳиссачаҳо, ё атомҳои хурди гуногуни бо сифати (ану) об, хок, ҳаво, оташ, ки дар муҳити замону макон ҷойгиранд. Агар анну доимӣ, офариданашуда, вайроннашаванда бошад ашёе, ки аз онҳо пайдо мешаванд абадӣ набуда, гузаранда ва таъғирёбнда мебошанд. Ҷон абадӣ ва беохир буда, дар ду шакл мавҷуд аст: ишвара ё параатма (рӯҳи мутлақ) ва рӯҳи фардӣ, ки дар гардиши беохири ҳаёт сайр мекунад. Агар чи фалсафаи вайшешика дар оғоз ҳамчун таълимоти материалистӣ арзи ҳастӣ намуд, аммо баъдтар хусусияти динии он боло мегирад. Баъдтар намояндагони ин мактаб атом (ану)-ро фақат сабаби модии пайдоиши олам дониста, сабаби фаъолияти оламро Худо ҳисоб мекарданд.

**Буддоия.** Фалсафаи буддоия аз таълимоти Сидхарх Гаутама (тақ. солҳои. 583-483 п.а.м.), ки баътар Буддо ном мегирад сарчашма мегирад. Дар маркази таълимоти ин фалсафа «чор ҳақиқати асил» меистад. Ҳақиқати аввал дар он асос меёбад, ки вуҷуди инсон бо азоб марбут аст. Ба азоб дохил мешаванд: тавлид, марг, дард, пирӣ, дидори рӯи номуборак, ҷудоӣ аз азизон, надоштани имкони бамақсадрасӣ. Мутобиқи ҳақиқати дуюм сабаби азоб ин хоҳише аст, ки ба воситаи хурсандӣ ва шаҳват ба дигаргуншавӣ, ба дилбастагии одам ба ҳаёт, ба конеъ гардонидани шаҳвати ҳиссӣ мебарад. Ҳақиқати сеюм: аз байн бурдани сабабҳои азоб дар азбайнравии ин шавқ ё хоҳиш ифода меёбад. Ҳақиқати чорум ин роҳ ба сӯи аз байн бурдани худи азоб.